**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Раҳимов Шодмон Давлатович дар мавзуи "Самаранокии истифодаи нуриҳои минералӣ дар кишти навъҳои пиёзи барвақтӣ дар водии Вахш", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.09 - Сабзавоткорӣ**

Чи тавре, ки аз таҳлилҳои унвонҷӯ маълум гардид, сабзавоткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз соҳаҳои муҳими озуқаворӣ дар комплекси агросаноатӣ ба шумор меравад, муаллиф бо истифодаи сарчашмаҳои илмӣ муаян намудааст, ки сабзавоткорӣ таърихи тулонӣ дорад. Таҳлилҳо нишон дадааст, ки дар минтақаҳои водигии Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд намудҳои гуногуни сабзавотиҳо парвариш карда мешаванд. Ба гурӯҳи сабзавотиҳо ва ё зироатҳои асосиии соҳаи номбурда пиёзи бехӣ, помидор, сабзӣ, карам, бодиринг, сирпиёз шомил буда, лаблабуи ошӣ, қаламфури ширину тез, боимҷон, турбу шалғам ва кабудиҳо ба гурӯҳи боқимондаи сабзавот дохил мешаванд.

Дар таҳлилҳои худ унвонҷӯ пиёзи бехиро яке аз зироатҳои асосии соҳаи сабзавоткорӣ шуморида, қайд намудааст аҳолии мамлакат ба он эҳтиёҷи бештар дорад, инчунин самараи иқтисодии назаррасро доро мебошад. Қайд кардан ба маврид аст, ки таркиби пиёзи бехӣ аз модаҳои ғизоӣ бой буда, витамину макро-микроэлементҳое, ки барои организми инсон заруранд, таъмин менамояд. Илова бар ин, пиёзи бехӣ барои табобати касалиҳои зардпарвин, дарди сар, касалиҳои бактериологию вирусӣ ва ғайра манфиат мебахшад. Бо далелҳои овардушудаи муаллиф пиёзи бехӣ боз қобилияти кашондашавиро дорост, ки бо риояи талаботҳои харитаи технологӣ ва иҷрои саривақтии агротехникаи парваришӣ пиёхи бехӣ омилҳои асосии гирифтани ҳосили баланду хушсифати бехпиёз мебошанд. Таҳлилҳои унвонҷӯ нишон медиҳанд, ки барои аз 40-50% баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва сифати ин зироат истифодабарии нуриҳои минералии нитрогенӣ, фосфорӣ ва калийдор самаранок мебошанд.

Аз сарчашмаҳои илмӣ маълум аст, ки водии Вахши вилояти Хатлон яке аз минтақаҳои асосии парвариши зироатҳои сабзавотӣ аз ҷумла пиёзи бехӣ дар ҷумҳурӣ, ба ҳисоб меравад, ки маҳсулоти аввалияи сабзавотиҳо мебошад. Пиёзи бехӣ яке аз зироатҳои серҳосилу самаранокии иқтисодиаш зиёд ба шумор меравад.

Таҳқиқоти илмӣ Раҳимов Шодмон Давлатович бо мақсади омӯхтани самаранокии истифодаи нуриҳои минералӣ ба ҳосилнокӣ ва сифати пиёзи бехӣ солҳои 2018-2020 дар ноҳияи Ҷайҳуни вилояти Хатлон, Ҷамоати деҳоти Панҷ, хоҷагии деҳқонии "Аслам Ғаниев" амалӣ гаштааст.

Аз маълумотҳои илмии дар автореферат дарҷгардида хулоса кардан мумкин аст, ки рафти тадқиқоти илмии унвонҷӯ бори аввал дар ноҳияи Ҷайҳуни вилояти Хатлон дар хоки хокистарранги равшан нишондиҳандаҳои илман асоснокшудаи таъсири нуриҳои минералии

нитрогенӣ, фосфорӣ ва калийдор ба реҷаи сатҳи онҳо дар хок, нашъунамои растаниҳои навъҳои пиёзи бехии зудпази «Пешпазак», «Алдоба», «Тунис», ҳосилнокӣ, сифати ҳосил ва самаранокии иқтисодии истифодаи нуриҳоро муайян намудааст.

Диссертант Раҳимов Шодмон Давлатович барои парвариш ва таъмини рушду нумӯи растаниҳои навъҳои пиёзи барвақтӣ, ки ба мавҷудияти миқдори зарурии моддаҳои ғизоии нитрогенӣ, фосфорию калийгӣ дар таркиби хок ниёз доранд, истифодаи меъёри 240 кг/га нитроген, 120 кг/га фосфор ва 90 кг/га калий ба ҳисоби моддаи таъсиркунанда зарур мебошад.

Бо 240 кг/га нитроген, 120 кг/га фосфор ва 90 кг/га бо таносуби 70 фоизи фосфорию калийгӣ ва 30 фоизи нурии нитрогенӣ пеш аз кишти тухмӣ, боқимондаи 30% фосфорию калийгӣ ва 75 фоизи нитрогенӣ дар ғизодиҳии якум, ки ба саршавии ҳосилбандӣ ва 35 фоизи нурии нитрогенӣ дар давраи саросар ҳосилбандии пиёз рост меояд, ба хок ворид карда шавад. Дар ин ҳолат вобаста ба навъҳои омӯхташудаи пиёзи “Пешпазак”, “Алдоба” ва “Тунис” ҳосилнокии 45-56 т/га пиёзи хушсифат таъмин мегардад..

Тадқиқоти илмии унвонҷӯ ба талаботи имрӯзаи соҳаи кишоварзии мамлакат ҷавобгӯ буда, дар таъмини амнияти ғизоии кишвар, махсусан истеҳсоли пиёзи барвақти замина мегузорад.

Кори диссертатсионӣ тадқиқоти ба анҷомрасида ба ҳисоб рафта, автореферати он мазмуни асосии онро ифода менамояд ва ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст, инчунин, муаллифи он Раҳимов Шодмон Давлатович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.09- Сабзаводкорӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Мудири шуъбаи омӯзиш
ва мониторинги амнияти
озуқавори ИИТСРК АИКТ, н.и.и. Амиров Н.И.

**Суроға:** 734041, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Ҳаёти нав – 306.
Тел.: (+992)-008-55-07-70; E-mail: nazrulo1959@mail.ru

Имзои Амиров Н.И.-ро тасдиқ мекунам:
Сармутахасис оид ба кадрҳои Институти
иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии
рушди кишоварзии АИКТ Икромова М.Қ.

22 декабри соли 2025